
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
ба номи САДРИДДИН АЙНӢ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 546.32+546.46+546.266
ТКБ: 24.1+24.121+24.122
С - 33



УМАРАЛИИ САФАРАЛӢ

ҲАЛШАВАНДАГӢ ВА МУВОЗИНАТҲОИ ФАЗАГИИ СИСТЕМАИ ОБӢ - НАМАКИИ СУЛФАТҲО, КАРБОНАТҲОИ КАЛИЙ, МАГНИЙ, КАЛСИЙ ДАР ҲАРОРАТҲОИ 0 ВА 25^{o}С

А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия
аз рӯйи ихтисоси 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ

ДУШАНБЕ – 2026

Диссертатсия дар лабораторияи илмӣ-тадқиқотии «Омӯзиши системаҳои бисёркомпонента бо усули транслятсияи ба номи Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илмҳои химия, профессор Солиев Л» - и назди кафедраи «Химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ»-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба иҷро расонида шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Усмонов Муҳаммадсалим Бозорович** – номзади илмҳои химия, дотсент

Муқарризони расмӣ: **Абулхаев Владимир Ҷалолович** – доктори илмҳои химия, профессор, мудири озмоишгоҳи «Химияи пайвастагиҳои гетеросиклӣ» - и Институти химияи ба номи В.И Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Акрамзода Рустами Ҷурахон – доктор фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060600 – Химия (6D060601 – Химияи ғайриорганикӣ), мудири кафедраи химияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

Муассисаи пешбар: **Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ**

Ҳимояи диссертатсия санаи «08» декабри соли 2026 соати «10^{00}» дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. KOA – 136 - и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17 Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бинои асосӣ, толори Шӯрои диссертатсионӣ, ошёнаи 2 - юм. E-mail: tojiddin_8989@mail.ru, телефон: (992)936002805, факс: (992-37)22117711.

Бо диссертатсия дар китобхонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва сомонаи www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _____ соли 2026 фиристода шуд

Котиби Шурои диссертатсионӣ,
н.и.х., дотсент Бобокалонов Т.Б.

МУҚАДДИМА

Мубраммии мавзуи тадқиқот. Яке аз роҳҳои муҳими ҳалли масъалаи коркарди маводи табиӣ ва моддаҳои техногенӣ ин омӯзиши таркиби бисёркомпонентии мураккаби маъданҳо тавассути маҳлулҳои обию намакӣ мебошад, ки дорои аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва экологӣ мебошанд. Танҳо дар шароити оптималии коркарди ашёи хоми полиминералии мураккаб дар муҳити системаҳои обию намакӣ мумкин аст натиҷаҳои наву боэътимоди илмиро ба даст оварад.

Омӯзиши қонуниятҳои ҷараёни мувозинатии фазаҳо дар системаҳои бисёркомпонента дар шароити муайян бо истифода аз усули транслятсия ба кам шудани харочоти энергия ва вақт оварда мерасонад, инчунин имкони барқарорсозӣ ва ба роҳ мондани усулҳои васеъи ба таври ратсионалӣ истифодабарии захираҳои табииро фароҳам месозад.

Системаҳои бисёркомпонентае, ки мавриди омӯзиш қарор доранд, объектҳои табиие мебошанд, мисли ҷинсҳои кӯҳӣ, ашёи хоми минералии маъданию ғайримаъданӣ, инчунин аз моддаҳои пайдоиши техногенӣ дошта, иборат мебошанд. Чунин объектҳои табиӣ на танҳо асоси тадқиқоти соҳаи химия, балки соҳаҳои петрология, минералогия, геология ва илмҳои хокшиносӣ низ мебошанд.

Тадқиқоти диссертатсионӣ дорои на танҳо аҳамияти назариявию илмӣ, балки арзиши муҳими амалӣ низ мебошад. Натиҷаҳои бадастомада ҳамчун маводи ахборотӣ ва барои коркарди партовҳои саноатӣ, аз ҷумла партовҳои истеҳсоли алюминий, ки таркибашон дорои намакҳои мазкур аст истифода бурда мешаванд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Поягузори назарияи мувозинатҳои фазагӣ дар системаҳои химиявӣ Д.В. Гиббс буда, аввалин шуда шароитҳои мувозинати химиявӣ ва қоидаи фазаҳоро пешниҳод намудааст. Дар такмили назарияи асосҳои таҳлили физико-химиявӣ махсусан саҳми асосгузори ин фан Н.С. Курнаков хеле калон мебошад Аз тарафи Н.С. Курнаков якумин маротиба вазифаҳои асосии таҳлили физико-химиявӣ ҳамчун илм муайян карда шудааст. Ӯ бори аввал вазифаҳои асосии таҳлили физико-химиявиро, ки ба омӯзиши алоқамандии байни таркиб ва хосиятҳои ченшавандаи системаҳои химиявӣ равона гардида, имконияти сохтани диаграммаҳои ҳолатии онҳоро фароҳам меорад, муайян намудааст. Назария ва усулҳои таҳқиқи системаҳои химиявӣ, аз он ҷумла системаҳои химиявии бисёркомпонента аз тарафи як қатор олимони дигар ба монанди В.Я. Аносов [2], Я.Г. Горощенко [3], Ф.М. Перельман [7], В.А. Жариков [8], В.И. Посыпайко [5], А.С. Трунин [6], Л. Солиев [4], М.Т. Жумаев [10], И.М. Низомов [9] ва дигарон такмил дода шудааст. Дар баробари ин назария ва усулҳои таҳқиқи системаҳои химиявӣ, махсусан системаҳои химиявии бисёркомпонентаи обӣ- намакӣ, ба такмил додан ниёз доранд, чунки

то ҳоло на ҳаммаи паҳлӯҳои ин мушкилоти муҳим ҳалли худро ёфтаанд. Мушкилиҳои асосӣ дар омӯзиши системаҳои химиявии бисёркомпонента, пеш аз ҳама ба он алоқаманд аст, ки то ҳоло усулҳои мавҷуда имконият намедиҳанд, ки системаҳои омӯхташавандаи бисёркомпонента ба таври оддӣ бо ёрии фигураҳои геометрии мавҷудаи сеченака инъикос карда шаванд, иҷрои корҳои таҷрибавӣ, вақт ва маводи химиявии зиёдро талаб мекунанд, зеро муайянсозии фазаҳои сахти дар мувозинатбуда душвориҳо доранд.

Таҳлили адабиётҳои мавҷуда нишон дод, ки системаи панҷкомпонентаи иборат аз сулфатҳо ва карбонатҳои калий, магний ва калсий барои ҳароратҳои 0 ва 25 ^{o}C омӯхта нашудаанд, бинобар ин мувозинатҳои фазагӣ ва ҳалшавандагии он пурра тавсиф нагардидааст.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯҳои илмӣ. Мазмуни диссертатсия бо назардошти талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, “Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030”, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, №165), барномаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» барои солҳои 2020- 2040, вобаста ба иҷрои нақшаи мавзӯи илмӣ тадқиқотии фармоишии “Омӯзиши физико – химиявии системаи аз сулфатҳо, фторидҳои натрий, магний, калсий ва алюминий бо об ташкилёфта дар самти беҳдошти экологӣ” рақами қайди давлатиаш (РБ № 0125TJ700) ба иҷро расонида шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Муайян намудани қонуниятҳои ҳалшавандагӣ ва тағйироти фазагӣ дар системаҳои бисёркомпонентаи обию намакӣ, ки пайвастагиҳои сулфатӣ ва карбонатии калий, магний ва калсийро бо муқаррар намудани таркиби фазаҳои мувозинатии системаҳои чоркомпонента дар ҳароратҳои 0 ва 25^{o}C дар бар мегиранд.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф вазифаҳои зерин ҳал карда шуданд:

- омӯзиши қонуниятҳои мувозинатҳои фазагӣ дар системаи панҷкомпонентаи обию намакӣ, ки сулфатҳо ва карбонатҳои калий, магний ва калсийро дар ҳарорати 0 ва 25^{o}C дар бар мегиранд;
- дар асоси маълумот оид ба зерсистемаҳои фазагии ташкилкунанда, таҳқиқи ҳолатҳои мувозинатӣ дар системаҳои се ва чоркомпонента ва сохтани диаграммаҳои фазагӣ барои ҳароратҳои 0 ва 25 ^{o}C;
- сохтани диаграммаҳои схематикии мувозинатҳои фазагии системаи K,Mg,Ca//SO_4,CO_3 – H_2O дар ҳароратҳои 0 ва 25^{o}C дар асоси қонуниятҳои гузариш аз системаҳои камкомпонента ба сатҳҳои системаҳои бисёркомпонента;
- муайян намудани ҷойгиршавии мутақобила ва ҳудудҳои

майдонҳои кристаллизатсияи фазаҳои сахти дар мувозинатбуда ва фрагментатсия кардани ин система;

- бо роҳи таҷрибавӣ таҳқиқи ҳалшавандагии системаҳои чоркомпонентаи K,Mg,Ca//CO_3-H_2O ва K,Mg,Ca//SO_4-H_2O дар ҳароратҳои 0 ва 25 ^oC, муайян намудани таркиби фазаҳои моеъ ва сахти мувозинатӣ ва дар ин асос сохтани диаграммҳои ҳалшавандагии ин системаҳо.

Объекти таҳқиқот. Системаи панҷкомпонентаи обӣ-намакии иборат аз сулфатҳо ва карбонатҳои калий, магний ва калсий буда, инчунин зерсистемаҳои чоркомпонентаи он: K,Mg,Ca//SO_4-H_2O; K,Mg,Ca//CO_3-H_2O; K,Mg //SO_4,CO_3-H_2O; Ca,Mg//SO_4,CO_3-H_2O; K,Ca//SO_4,CO_3-H_2O ва системаҳои секомпонентаи ин системаҳои чоркомпонентаро ташкилдиҳанда мебошад.

Мавзӯи таҳқиқоти илмӣ. Ҳалшавандагӣ ва мувозинатҳои фазагии системаи обӣ- намакии сулфатҳо, карбонатҳои калий, магний, калсий дар ҳароратҳои 0 ва 25^oC.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он асос меёбад, ки:

- таҳлили маълумоти гузаронидшуда, дараҷаи омӯзиши системаҳои обӣ - намакии K,Mg,Ca//SO_4,CO_3-H_2O арзёби гардид ва таркиби зерсистемаҳои онҳо муайян карда шуд;

- дар асоси маълумот оид ба мувозинатҳои фазагии зерсистемаҳо ва элементҳои сатҳҳои гуногун бори аввал диаграммаҳои фазавии системаи K, Mg,Ca//SO_4,CO_3 – H_2O дар ҳароратҳои 0 ва 25^oC сохта шуданд, ки муносибати байни фазаҳои сахти мувозинатиро инъикос мекунанд;

- бори аввал дар ҳароратҳои 0 ва 25^oC хусусиятҳои сохтори комплекси фазавии системаи панҷкомпонента муайян карда шуда, тағйироти он бо баланд шудани ҳарорат муайян гардид;

- мавқеи майдонҳои дивариантии фазаҳои сахти кристаллӣ муайян карда шуданд ва дар асоси онҳо фрагментатсияи диаграммаҳои фазавӣ дар ҳароратҳои таҳқиқотӣ анҷом дода шуд;

- дар натиҷаи таҳқиқоти таҷрибавӣ маълумоти нав оид ба ҳалшавии системаҳои чоркомпонентаи K, Mg,Ca//SO_4 – H_2O ва K, Mg,Ca// CO_3 – H_2O дар ҳароратҳои 0 ва 25^oC ба даст оварда шуд. Хусусиятҳои мувозинатҳои фазави онҳо муайян гардида, диаграммаҳои дахлдори ҳалшавандагӣ сохта шуданд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- дар асоси таҳлили маълумотҳои адабиётӣ ва таҷрибавӣ, ки имконияти омӯзиши мувозинатҳои фазагии системаҳои сулфатҳо ва карбонатҳои калий, магний, калсийро фароҳам меоварад, таркиби зерсистемаҳои онҳо барои ҳароратҳои 0 ва 25 ^oC муайян карда шудааст;

- бо истифода аз усули транслятсия диаграммаи мувозинатҳои фазагии системаҳои чоркомпонентаи K,Mg,Ca//SO_4-H_2O; K,Mg,Ca//CO_3-H_2O; K,Mg//SO_4,CO_3-H_2O; Ca,Mg//SO_4,CO_3-H_2O;

K,Ca//SO_4,CO_3-H_2O дар ҳароратҳои таҳқиқшаванда сохта шуда, инчунин хусусиятҳои ташаккули майдонҳои кристаллизатсияи фазаҳои сахт муайян гардидаанд;

- системаҳои чоркомпонентаи K,Mg,Ca//SO_4-H_2O ва K,Mg,Ca//CO_3-H_2O дар ҳароратҳои 0 ва 25 ^oC ба таври таҷрибавӣ таҳқиқ гардида, таркиби фазаҳои сахти мувозинатӣ ва мавқеи нуқтаҳои нонвариантии онҳо муайян карда шуд ва дар асоси натиҷаҳои бадастомада диаграммаи ҳалшавандагии ин ду система барои ҳароратҳои додашуда сохта шуданд.

Аҳамияти назариявӣ ва илмӣ амалии таҳқиқот дар он аст, ки:

- маълумоти бадастомада оид ба мувозинатҳои фазагии системаи K,Mg,Ca//SO_4,CO_3–H_2O бо усули транслятсия метавонад ҳамчун маводи илмӣ-маълумотӣ барои таҳқиқ ва таҳлили минбаъдаи системаҳои бисёркомпонентаи обию намакӣ истифода гардад;

- қонуниятҳои муайяншудаи мувозинатҳои фазагӣ ва фазаҳосилшавӣ метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои интихоб ва асоснок намудани шароити мусоиди технологии коркарди ашёи хоми полиминералии табиӣ ва техногенӣ, аз ҷумла партовҳои саноатии дорои сулфатҳо ва карбонатҳои калий, магний ва калсий, хизмат намоянд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо. Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада тавассути коркард ва таҳлили онҳо бо усуҳои муосири физико-химиявӣ, апробатсияи онҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналхалкӣ, симпозиум ва нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА асоснок менамоянд.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Натиҷаҳои тадқиқоти илмии бадастомада ба бандҳои зерини шиносномаи 1.4. Химия (1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ) мувофиқ мебошад:

Банди 1. Муайянкунии характери боҳамалоқамандӣ байни таркиб, сохт ва хосияти пайвастаҳои ғайриорганикӣ.

Банди 4. Омӯзиши табдилоти химиявӣ ва структуравӣ - фазавии пайвастаҳои ғайриорганикӣ.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ. Саҳми шахсии муаллиф аз таҳлили маълумоти адабиёт, банақшагирӣ ва гузаронидани таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ, коркард, ҷамъбаст ва таҳлили натиҷаҳои бадастомада, таҳияи хулосаҳо ва нашри мақолаҳои илмӣ иборат аст.

Тасвиб ва амалисозӣ: Тасвиби кори диссертатсионӣ дар конференсияҳои байналхалқӣ ва ҷумҳуриявии зерин баррасӣ шудааст: конференсияҳои илмӣ-назариявии ҳарсолаи устодону профессорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (Душанбе, 2014-2025); конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Экология ва масъалаҳои таълиму тарбия” (Душанбе, 2014); конференсияи байналхалқии “Теплофизические исследования и

измерения при контроле качества веществ, материалов и изделий" (Душанбе-Москва- Тамбов, 2014); Международных научно – практичекой конференции «Пути и направления рационального использования водных ресурсов Таджикистана» (Душанбе, 2017); "Байкалский материаловедческий форум" (Улан- Уде, 2018); Материалы IV Международной научно-практической конференции «Global science and innovations 2019: central Asia» (Астана, 2019); Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Таҳқиқи таълими тафриқа» (Душанбе, 2019); Материалы V Международной научно – практической конференции «Нур-султан, Казахстан 2019»; Конференсияи Ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Заминаҳои рушд ва дурнамои илми химия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2020); Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Проблемаҳои муосири саноати металлургӣ», (Душанбе, 2021); Конференсияи илмӣ- методии байналмилалӣ дар мавзӯи «Нақши илмҳои таббиӣ, риёзӣ ва методикаи таълими онҳо дар раванди саноатикунонии бо суръати кишвар» (Душанбе, 2022); Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзӯи "Вазъи кунунӣ ва дурнамои таҳлили физико – химиявӣ", бахшида ба эълон гардидани ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии кишвар, ва гиромидошти хотираи арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон профессор, Л. Солиев (Душанбе, 2023); Международной научно-практической конференции по теме "Актуальные проблемы химической науки и промышленности" (Фаргона, 2023); 88-й научно-технической конференции профессорско-преподавательского состава, научных сотрудников и аспирантов Белорусского государственного технологического университета. (Белорусия, 2024), Международная конференция «Химическая наука и образование, проблемы и перспективы развития» Дагестанский государственный педагогический университет им. Р. Гамзатова (г. Махачкала, 2024), Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Вазъи кунунӣ ва дурнамои таҳлили физико–химиявӣ», бахшида ба эълон гардидани ҳадафи чоруми стратегӣ–саноатиунонии кишвар, солҳои 2022–2026 "Солҳои рушди саноат" ва гиромидошти хотири арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон доктори илмҳои химия профессор Лутфулло Солиев (Душанбе 2025), Маҷмӯи маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Пайвастаҳои комплексӣ ва ҷанбаҳои истифодабарии онҳо» (Душанбе 2025) муҳокима шудаанд.

Интишорот аз рӯи мавзӯи диссертатсия. Дар асоси материалҳои кори диссертатсионӣ 10 мақола, (дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ) ва 16 фишурдаи мақола аз чоп баромадааст.

Сохтор ва ҳаҷми кори диссертатсия. Диссертатсия дастнависест, ки дар 143-саҳифаи компютерӣ пешниҳод шуда, аз муқаддима, 3 боб ва хулоса иборат буда, 39 расм, 39 ҷадвал, рӯйхати

адабиёти истифодашуда бо дарназардошти 125 адад дарбар мегирад.

МАЗМУНИ АСОСИИ КОР

Кори диссертатсионӣ ба муайян намудани қонуниятҳои ҳалшавандагӣ, фазаҳосилшавӣ вамувозинатҳои фазагӣ дар системаи бисёркомпонентаи обӣ-намакии $K,Mg,Ca//SO_4,CO_3$-H_2O, инчунин зерсистемаҳои таркибии он дар ҳароратҳои 0 ва 25°C равона гардидааст. Таҳлили маълумоти мавҷуда оиди системаи панҷкомпонентаи мазкур нишон дод, ки маълумот дар бораи мувозинатҳои фазагӣ ва ҳалшавандагии ин система дар ҳароратҳои интихобшуда нокифоя мебошанд. Вобаста ба ин, ҳангоми гузаронидани таҳқиқот диққати асосӣ ба муайян намудани таркиби фазаҳои сахти мувозинатӣ, ошкор намудани хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи комплексҳои фазагӣ, сохтани диаграммаҳои мувозинатҳои фазагӣ ва ҳалшавандагӣ, инчунин муайян намудани хусусиятҳои тағйирёбии онҳо ҳангоми баланд шудани ҳарорат аз 0 то 25°C равона карда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия усулҳои асосии таҳқиқи системаҳои бисёркомпонента, хусусиятҳо ва имкониятҳои татбиқи онҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки онҳо барои омӯзиши мувозинатҳои фазагӣ ва муайян намудани ҳалшавандагии компонентҳои система истифода мешаванд.

Боби дуюм ба натиҷаҳои тақиқоти равандҳои фазаҳосилшавӣ ва ҳалшавандагӣ бахшида шуда, онҳо дар шакли ифодаҳои геометрии системаи бисёркомпонентаи $K,Mg,Ca//SO_4,CO_3–H_2O$ барои ҳарорати 0 °C пешниҳод шудаанд. Барои гузариш аз системаҳои секомпонента ба чоркомпонента ва аз системаҳои чоркомпонента ба системаи панҷкомпонента аз усули транслятсия истифода карда шудааст. Истифодаи ин усул имконият медиҳад, ки ҳаҷми корҳои таҷрибавӣ кам гардида, ҳолати имконпазири мувозинати фазаҳои сахт пешакӣ муайян карда шаванд. Қисми асосии ин бобро таҳқиқи таҷрибавии ҳалшавандагии системаҳои чоркомпонентаи $K,Mg,Ca//SO_4–H_2O$ ва $K,Mg,Ca//CO_3–H_2O$ дар ҳарорати 0 °C ташкил медиҳад.

Дар боби сеюм диаграммаи мувозинатҳои фазагии системаи панҷкомпонента ва зерсистемаҳои чоркомпонентаи таркибии он дар ҳарорати 25 °C пешниҳод гардида, инчунин майдонҳои кристаллизатсияи фазаҳои сахти мувозинатӣ муайян гардиданд. Ҳамзамон, ҳалшавандагии системаҳои чоркомпонентаи сулфатҳо ва карбонатҳои калий, магний, калсий дар ҳарорати 25°C омӯхта шуда диаграммаи ҳалшавандагии онҳо сохта шуд. Эътимоднокии маълумотҳои таҷрибавии бадастомада бо натиҷаҳои таҳлили рентгенофазавӣ тасдиқ гардидааст.

Кори диссертатсионӣ бо хулосаҳои умумӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда ба анҷом мерасад.

Ғайр аз нишондодҳои дар боло зикршуда, дар диссертатсия аломатҳои шартӣ ва шаклҳои ихтисоршудаи номи пайвастҳои

химиявӣ низ истифода шудааст, аз ҷумла: Ше-шенит ($K_2SO_4 \cdot MgSO_4 \cdot 6H_2O$); Пг-полигалит ($K_2SO_4 \cdot MgSO_4 \cdot 2CaSO_4 \cdot 2H_2O$); Эпс-эпсомит ($MgSO_4 \cdot 7H_2O$); Сн-сингенит ($K_2SO_4 \cdot CaSO_4 \cdot H_2O$); Гп-гипс ($CaSO_4 \cdot 2H_2O$); Ар-арканит ($K_2SO_4$); Сс (кал) калсит ($CaCO_3$); М·12 ($MgSO_4 \cdot 12H_2O$); М·3 (Маг) магнезит ($MgCO_3 \cdot 3H_2O$); Mg·Ca (Дол) доломит ($CaCO_3 \cdot MgCO_3$); К·Са – намаки дучанда ($K_2CO_3 \cdot CaCO_3$); К·1,5 ($K_2CO_3 \cdot 1,5H_2O$) ва К·2 ($K_2CO_3 \cdot 2H_2O$).

Усулҳои омӯзиши системаҳои бисёркомпонента

Қонуниятҳои мувозинати фазагӣ асоси таҳлили равандҳои технологии коркарди ашёи хоми табиӣ ва техногенӣ ба ҳисоб мераванд. Омӯзиши мувозинатҳои фазагӣ имкон медиҳад, ки тағйирёбии таркиб ва ҳолати фазавии система вобаста ба таъсири омилҳои беруна (ҳарорат, фишор, консентратсия) муайян ва пешгӯи карда шавад. Он имкон медиҳад, ки шароити мусоид ба равандҳои технологӣ фароҳам гардад.

“Барои системаҳое, ки се, чор компонент доранд, диаграммаҳои ҳолатро бо ёрии фигураҳои геометрикӣ дар фазои сеченака тасвир кардан мумкин аст. Аммо, бо зиёд шудани шумораи компонентҳо (панҷ ва бештар аз он), тасвири он тавассути фазои сеченака ғайриимкон аст, зеро шумораи нуқтаҳои нонвариантӣ, хатҳои моновариантӣ ва майдонҳои дивариантӣ афзоиш меёбанд. Дар чунин ҳолатҳо усулҳои мураккабтар, ба монанди усули транслятсия ё моделҳои математикии бисёркомпонента истифода мешаванд, ки барои сохтани системаҳои дорои компонентҳои бештар (n+1) аз рӯи маълумотҳои n компонентагӣ имкон медиҳанд” [1, с. 112-115]. Дар ин тадқиқот усули транслятсия ба системаи панҷкомпонентаи K, Mg, Ca // SO_4, CO_3 – H_2O татбиқ шудааст, ки имкон медиҳад маҳдудиятҳои мавҷуда бартараф карда шаванд.

Дар доираи таҳқиқоти гузаронидашуда системаи панҷкомпонента, ки аз сулфатҳо ва карбонатҳои калий, магний ва калсий иборат аст, мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Системаҳои K,Mg,Ca//SO_4-H_2O; K,Mg,Ca//CO_3-H_2O; K,Ca//SO_4,CO_3-H_2O; Ca,Mg//SO_4,CO_3-H_2O ва K,Mg //SO_4,CO_3-H_2O баррасӣ гардида, хусусиятҳои ҳолати фазагӣ ва таъсири мутақобилаи мувозинатии компонентҳои онҳо муайян карда шуданд.

Тибқи маълумотҳои адабиётӣ, системаи панҷкомпонентаи K,Mg,Ca//SO_4,CO_3-H_2O, инчунин системаҳои чоркомпонентаи он то имрӯз омӯхта нашудаанд. Дар робита ба ин, диаграммаҳои мувозинатҳои фазагӣ барои ин системаҳо вуҷуд надоранд.

Ҳалшавандагии системаҳои секомпонента, ки дар ҳароратҳои 0 ва 25 ^oC омухташуда мебошанд, инҳоянд: K,Mg//SO_4-H_2O, K//SO_4,CO_3-H_2O, K,Mg//SO_4-H_2O, Ca,K//SO_4-H_2O. Се системаи секомпонентаи дигар танҳо дар ҳарорати 25 ^0C Mg//SO_4,CO_3-H_2O, Mg,Ca//SO_4-H_2O ва Ca//SO_4,CO_3-H_2O омӯхта шудаанд. Системаҳои секомпонентаи Ca,K//CO_3-H_2O ва K,Mg//CO_3-H_2O умуман омӯхта нашудаанд ва

онҳоро мо шартан эфтоникӣ қабул намудем.

Дар асоси маълумоти илмии нашршуда дараҷаи омӯзиши системаи панҷкомпонентаи K,Mg,Ca//SO_4,CO_3-H_2O, инчунин системаҳои се- ва чоркомпонентаи ба таркиби он дохилшаванда дар ҳароратҳои 0 ва 25^oC ҷамъбаст карда шуд. Таҳлили гузаронидашуда имкон дод, ки сатҳи омӯзиши зерсистемаҳои алоҳида муайян гардида, системаҳое муайян карда шаванд, ки оиди мувозинатҳои фазагии онҳо маълумот мавҷуд нест ё маълумоти мавҷуда нокифоя мебошад. Натиҷаҳои ҷамъбастии таҳлил дар ҷадвали 1 пешниҳод шудаанд.

Ҷадвали 1. – Ҳолати омӯзиши системаҳои се -, чор- ва панҷкомпонентаи K,Mg,Ca//SO_4,CO_3-H_2O ҳароратҳои 0 ва 25°C

Системаҳо	Компонентнокӣ	Ҳарорат	
		0^0C	25^0C
K,Mg,Ca//SO_4,CO_3-H_2O	5	-	-
K,Mg//SO_4,CO_3-H_2O	4	-	-
Mg,Ca//SO_4,CO_3-H_2O	4	-	-
K,Ca//SO_4,CO_3-H_2O	4	-	-
K,Mg,Ca//SO_4-H_2O	4	-	+
K,Mg,Ca//CO_3-H_2O	4	-	-
K,Mg//SO_4-H_2O	3	+	+
K //SO_4,CO_3-H_2O	3	+	+
Mg//SO_4,CO_3-H_2O	3	-	+
K,Mg//CO_3-H_2O	3	-	-
Mg,Ca//SO_4-H_2O	3	-	+
Mg,Ca//CO_3-H_2O	3	+	+
Ca//SO_4,CO_3-H_2O	3	+	+
Ca,K //SO_4-H_2O	3	+	+
Ca,K//CO_3-H_2O	3	-	-

Фазаҳосилшавӣ ва ҳалшавандагӣ дар ифодаҳои геометрии системаи бисёркомпонентаи K,Mg,Ca//SO_4,CO_3-H_2O барои 0^oC бо усули транслятсия

Системаи K,Mg,Ca//SO_4 -H_2O

Асоси таҳқиқи системаи мазкурро системаҳои обию намакии сулфатҳои калий, магний ва калсий ташкил медиҳанд. Ҳар яке аз ин зерсистемаҳо бо хусусиятҳои хоси мувозинатҳои фазавӣ тавсиф карда мешаванд. Тибқи маълумоти адабиёт дар ҳарорати 0°C барои системаҳои мазкур ташаккули як ё ду нуқтаи нонвариантӣ хос буда, дар онҳо мувозинати фазавӣ байни фазаҳои сахти Ар + Ше, Ше + М·12, Ар + Сн, Сн + Гп ва М·12 + Гп ба вуҷуд меояд. Дар ин ҳолат се нуқта дар сатҳи системаҳои чоркомпонента ба вуҷуд меояд: E_14, E_2^4, E_3

Системаи K,Mg,Ca//CO_3-H_2O

«Системаи чоркомпонентаи мазкур аз зерсистемаҳои зерин иборат мебошанд: Mg, Ca // CO_3 – H_2O, K, Ca // CO_3 – H_2O ва K, Mg // SO_4, CO_3 – H_2O. Ҳар яке аз ин зерсистемаҳо бо мавҷудияти нуқтаи нонвариантӣ тавсиф шуда, шароити мувозинати фазаҳои сахтро муайян менамояд» [13, с. 11]. Ташаккули чунин мувозинатҳо дар ин зерсистемаҳо метавонад бо мисолҳои пайвастшавии фазаҳо мисли Cc+Mg·Ca, M·3+Mg·Ca ва K·2+M·3, инчунин Cc+K·2 тасвир карда шаванд. Ин фазаҳо хусусиятҳо ва шароити мавҷудияти мувозинати системаро муайян намуда, барои пайдоиши нуқтаҳои нонвариантии E_4^4 ва E_5^4 замина фароҳам меоранд.

Системаи K,Mg //SO_4,CO_3-H_2O

Асоси системаи мазкурро чор системаи секомпонентаи обию намакӣ, ки аз сулфатҳо ва карбонатҳои калий, сулфатҳо ва карбонатҳои магний, инчунин карбонатҳои калий ва магний иборатанд ташкил медиҳанд. Барои яке аз ин системаҳо мавҷудияти ду нуқтаи нонвариантӣ хос буда, ба ҳар яке аз се системаи боқимонда яктогӣ нуқтаи нонвариантӣ хос аст. Ҳангоми транслятсия шудан аз сатҳи секомпонета ба сатҳи чоркомпонента чунин нуқтаҳои нонвариантӣ, бо фазаҳои сахти дар мувозинат буда хос ҳастанд: E_6^4=Ше+K·2+M·3; E_7^4= Ap+Ше+K·2 ва E_8^4= Ше+ M·12+M·3.

Системаи Ca,Mg//SO_4,CO_3-H_2O

Ин системаи чоркомпонента зерсистемаҳои секомпонентаи зеринро дар бар мегирад: Ca,Mg//SO_4-H_2O, Ca,Mg//CO_3-H_2O, Ca//SO_4,CO_3-H_2O и Mg//SO_4,CO_3-H_2O. “Барои зерсистемаи Ca//SO_4,CO_3-H_2O ду нуқтаи нонвариантӣ ва барои се системаи дигар яктоги нуқтаи нонварианти хос аст. Дар ҷараёни транслятсияи нуқтаҳои нонвариантии сатҳи секомпонета ба сатҳи чоркомпонентагӣ нуқтаҳои нави нонвариантӣ ҳосил мешаванд, ки ҳар яке ба мувозинати муайяни фазаҳои сахт мувофиқат мекунанд [14, с. 230]: E_9^4= M·12+ Mg·Ca +M·3; E_{10}^4=Гп+ M·12+ Mg·Ca ва E_{11}^4= Гп+Cc+ Mg·Ca. Ҳамин тавр, барои ин система се нуқтаи нонвариантӣ муайян карда шудаанд, ки онҳо фазаҳои сахти дар мувозинатбударо инъикос мекунанд.

Системаи K,Ca//SO_4,CO_3-H_2O

Дар натиҷаи транслятсияи нуқтаҳои нонвариантии сатҳи секомпонентагӣ ба сатҳи чоркомпонентагӣ се нуқтаи нонвариантӣ E_{12}^4, E_{13}^4 ва E_{14}^4 муайян гардид. Ин нуқтаҳо ба мувозинати муштараки фазаҳои сахти мувофиқ, яъне Сн+Ар+ К·2, Сн+Гп+ Сс ва Сс+Сн+К·2 муносиб мебошанд. Маҷмӯи фазаҳои сахти мувозинатии Сн+Ар+ К·2, Сн+Гп+ Сс ва Сс+Сн+К·2 боиси ташаккулёбии нуқтаҳои нонвариантии мазкур дар систмемаи таҳқиқшаванда гардидааст.


Пас аз муттаҳид намудани майдонҳои кристаллизатсияи фазаҳои сахти якхелаи системаҳои чоркомпонента, ки системаи панҷкомпонентаро ташкил медиҳанд, нуқтаҳои нонвариантӣ ва фазаҳои сахти мувозинатии ба онҳо мувофиқ дар расми 1 нишон дода шудаанд. Дар ин ҳолат сохтори диаграммаи мувозинатҳои фазагӣ дар сатҳи чоркомпонентагӣ ҳамчун асос барои сохтани диаграммаи

мувозинатҳои фазагии система дар сатҳи панҷкомпонентагӣ истифода карда меашавад.


Ҷадвали 2. – Мувозинатҳои фазагӣ дар нуқтаҳои нонвариантии сатҳи чоркомпонента барои ҳарорати 0°С

Нуқтаҳои нонвариантӣ	Система	Фазаҳои сахти дар мувозинат буда
E_1^4	K,Mg,Ca//SO_4-H_2O	М·12+Гп+Ше
E_2^4		Ар+Ше+Сн
E_3^4		Сн+Ше+Гп
E_4^4	K,Mg,Ca//CO_3-H_2O	М·3+Са·Mg+К·2
E_5^4		Са·Mg+К·2+Сс
E_6^4	K,Mg//SO_4,CO_3-H_2O	Ше+М·3+К·2
E_7^4		Ар+Ше+К·2
E_8^4		Ше+М·3+М·12
E_9^4	Ca,Mg//SO_4,CO_3-H_2O	М·12+М·3+Са·Mg
E_{10}^4		Са·Mg+М·12+ Гп
E_{11}^4		Гп +Са·Mg + Сс
E_{12}^4	K,Ca//SO_4,CO_3-H_2O	Сс +Сн +Гп
E_{13}^4		Сн+Ар+К·2
E_{14}^4		Сн+Сс+К·2

Дар асоси маълумоти ҷадвали 2 ва бо истифода аз усули транслятсия мувозинатҳои фазагии системаи K,Mg,Ca//SO_4,CO_3 -H_2O дар ҳарорати 0°С таҳқиқ карда шуданд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои омӯзиш ва сохтани диаграммаи мувозинатҳои фазагии системаи мазкур дар ҳарорати 0°С замина фароҳам оварданд.



а)




Расми 1. – Диаграмаи мувозинатҳои фазагии системаи K,Mg,Ca//SO_4,CO_3-H_2O барои ҳарорати 0 °C, дар сатҳи чоркомпонентагӣ а) ба шакли призмаи кушода б) ба шакли схемавӣ

Таҳлили маълумоти дар расми 1 овардашуда нишон медиҳад, ки барои системаи K, Mg, Ca // SO_4, CO_3–H_2O дар ҳарорати 0 °C дар сатҳи системаи чоркомпонента ташаккули нуҳ майдонҳои дивариантӣ, ки ба кристаллизатсияи фазаҳои сахти мувозинатӣ мувофиқанд, бист хатти моновариантӣ, ки кристаллизатсияи якҷояи ду фазаро инъикос менамоянд, инчунин чордаҳ нуқтаи нонвариантӣ, ки дар онҳо кристаллизатсияи се фаза амалӣ мегардад, хос мебошад.

Сохторҳои диаграммаи системаи панҷкомпонента, ки дар расми 1б пешниҳод гардидаанд дар сатҳи чоркомпонентагӣ омӯхта шудаанд. Ин сохтор метавонад минбаъд ҳамчун маълумоти илмӣ барои гузоштани унсурҳои сохтори системаи тадқиқшаванда дар сатҳи панҷкомпонентагӣ хизмат кунад.

Бо истифода аз нуқтаҳои нонвариантии муайянгардида бори аввал диаграммаи схемавии мувозинатҳои фазагии системаи K,Mg,Ca//SO_4,CO_3–H_2O барои ҳарорати 0 °C дар сатҳи панҷкомпонентагӣ сохта шуд. Дар диаграммаи мазкур сохтори умумии система, ҷойгиршавии майдонҳои кристаллизатсияи фазаҳои сахт ва робитаи мутақобилаи байни ҳолатҳои мувозинатҳои фазагӣ инъикос гардидааст (расми 2).



Расми 2. – Диаграммаи мувозинатҳои фазагии системаи K,Mg,Ca//SO_4,CO_3-H_2O дар сатҳи панҷкомпонентагӣ, барои ҳарорати 0 °C

Хатҳои борики яклухт, ки байни нуқтаҳои нонвариантии сатҳи чоркомпонента мегузаранд, дар мувозинат будани ду фазаи сахтро бо маҳлули сери худро ифода мекунанд. Хатҳои пунктири бошанд, самти транслятсияи нуқтаи нонвариантии чоркомпонентаро ба сатҳи панҷкомпонента ифода мекунанд. Хатҳои ғафси яклухти расми мазкур байни нуқтаҳои нонвариантии сатҳи панҷкомпонента гузашта онҳоро бо ҳам мепайвандад, ки дар мувозинат будани чунин

E_1^5 —— E_6^5 = Ше+ М·12+Са·Mg; E_4^5 —— E_8^5 = Ше+ Са·Mg+К·2;

E_1^5 —— E_9^5 = Ше+Гп+Са·Mg; E_5^5 —— E_8^5 = Са·Mg+ К·2+Сс;

E_2^5 —— E_7^5 = Ше+Сн+К·2; E_5^5 —— E_9^5 = Гп +Са·Mg+Сс;

E_3^5 —— E_7^5 = Ше+Сн+Сс; E_7^5 —— E_8^5 = Ше+К·2+Сс;

E_3^5 —— E_9^5 = Ше+Гп+Сс; E_8^5 —— E_9^5 = Ше +Са·Mg+ Сс;

E_4^5 —— E_6^5 = Ше+Са·Mg+М·3;

фазаҳои сахт бо маҳлули сери худро ифода мекунанд:

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки истифодаи усули транслятсия барои сохтани диаграммаи мувозинатҳои фазагии системаи K,Mg,Ca//SO_4,CO_3–H_2O дар ҳарорати 0 °C самаранок мебошад. Дар ин диаграмма 22 майдони дивариантӣ, 25 хатти моновариантӣ ва 9 нуқтаи нонвариантӣ муайян карда шуд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳамчун асоси илмӣ барои таҳқиқоти минбаъдаи ҳалшавандагӣ ва асоснок намудани роҳҳои технологии коркарди ашёи хоми полиминералии дорои сулфатҳову

карбонатҳои калий, магний ва калсий хизмат намоянд.

Таҳқиқи таҷрибавии ҳалшавандагии системаи K,Mg,Ca//SO_4-H_2O дар 0 °C


“То имрӯз системаи чоркомпонентаи мазкур дар ҳарорати 0°C ба таври ҳамаҷониба омӯхта нашудааст. Аз ин рӯ, аз ҷониби мо омӯзиши он бо истифода аз усули транслятсия анҷом дода шуд, ки дар натиҷа бори аввал диаграммаи схемавии мувозинатҳои фазавии ин система таҳия гардид. Бо дарназардошти аҳамияти амалӣ ва хусусиятҳои хоси мувозинатҳои фазавии ин система, омӯзиши он инчунин бо роҳи таҷрибавӣ низ анҷом дода шуд» [11, с. 418-424]. Дар зербоби мазкур натиҷаҳои тадқиқоти ҳалшавандагии нуқтаҳои нонвариантии системаи K,Mg,Ca//SO_4-H_2O дар ҳарорати 0°C баррасӣ ва таҳлил карда мешаванд.

Таркиби элементарии системаҳои чоркомпонента, ки сулфатҳои калий, магний ва калсийро дар ҳарорати 0°C дар бар мегиранд, дар шакли кристаллизатсияи фазаҳои зерин амалӣ мегардад: Ар-арканит (K_2SO_4); Ше-шенит ($K_2SO_4 \cdot MgSO_4 \cdot 6H_2O$); Сн-сингенит ($K_2SO_4 \cdot CaSO_4 \cdot H_2O$); Гп-гипс ($CaSO_4 \cdot 2H_2O$) и М·12 ($MgSO_4 \cdot 12H_2O$).

Барои гузаронидани таҷриба аз намакҳои аз ҷиҳати химиявӣ тозаи зерин истифода бурда шуд: $CaSO_4 \cdot 2H_2O$; $MgSO_4 \cdot 7H_2O$; K_2SO_4. Маълумоти таҷрибавие, ки дар ҷараёни тадқиқот ба даст оварда шудаанд, нишон медиҳад, ки таркиби маҳлули мувозинатӣ вобаста ба маҷмӯи фазаҳои сахти кристаллизатсияшаванда ба таври назаррас тағйир меёбад. Барои намакҳои алоҳида дар 0°C миқдори K_2SO_4 – 7,50 %, $CaSO_4$ – 0,22% ва $MgSO_4$ – 20,30% аз рӯи масса муайян гардид. Дар байни ин се компоненти алоҳида $CaSO_4$ бо миқдори хеле ками худ дар маҳлули сершуда фарқ мекунад. Дар нуқтаҳои нонвариантии сатҳи чоркомпонентагӣ таркиби маҳлулҳо мураккабтар мегардад. Муайян карда шуд, ки нуқтаи E_1^4, ки фазаҳои сахти мувозинатии Ар+Сн+Ше - ро фаро мегирад 4,48% K_2SO_4, 0,157 % $CaSO_4$ ва 2,56 % $MgSO_4$ дорад. E_2^4 фазаҳои сахти мувозинаташ Ше+М·12+Гп аст нишондиҳандаҳо мутаносибан ба 2,70; 0,147; ва 1,85 % - ро ташкил медиҳад. Барои
E_3^4 фазаҳои сахти мувозинатии Гп + Сн+Ше хос аст, ки миқдори K_2SO_4, $CaSO_4$ ва $MgSO_4$ мутаносибан ба 2,97; 0,129 ва 1,185 % - и массавӣ баробар аст.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ диаграммаи ҳалшавандагии системаи K,Mg,Ca//SO_4-H_2O дар ҳарорати 0°C

сохта шуд. Қисми қисми намакии диаграмма дар расми 3 оварда шудааст.



Расми 3. – Қисми намакии диаграммаи ҳалшавандагии системаи K,Mg,Ca//SO4-H2O барои ҳарорати 0 °C

Барои муайян намудани мавқеи нуқтаҳои хоси диаграмма аз усули массентрӣ истифода бурда шуд. Бо ин роҳ ҷойгиршавии нуқтаҳои нонвариантии сатҳи се- ва чоркомпонента муайян гардида, сарҳадҳои байни майдонҳои кристаллизатсияи фазаҳои сахт муайян гардиданд.

Таҳқиқи таҷрибавии ҳалшавандагии системаи K,Mg,Ca//CO3-H2O барои ҳарорати 0 °C


Бо мақсади муайян намудани қонуниятҳои мувозинати фазагӣ системаи чоркомпонентаи K, Mg, Ca // CO_3 – H_2O дар ҳарорати 0°C ба таври таҷрибавӣ омӯхта шуд.

Фазаҳои сахти мувозинати дар системаи омӯхташаванда барои ҳарорати 0°C инҳоянд: $CaCO_3$ - калсит (Сс); $K_2CO_3 \cdot 2$-(К·2); $CaCO_3 \cdot MgCO_3$ -доломит (Са·Mg); $MgCO_3 \cdot 3H_2O$-магнезит (Mg·3). Натиҷаи таҷриба дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

Ҷадвали 3. – Таркиби маҳлулҳои сершуда ва фазаҳои сахти мувозинатии системаи K, Mg, Ca // CO_3 – H_2O дар ҳарорати 0 °C

Нуқтаҳои нонвариантӣ	Таркиби фазаи моеъ. бо %				Фазаҳои сахти мувозинатиӣ
	K_2CO_3	$CaCO_3$	$MgCO_3$	H_2O	
e_1	51,7	-	-	48,3	К·2
e_2	-	0,0048	-	99,9952	Сс
e_3	-	-	0,3206	99,6794	М·3
E_1^3	-	0,0174	0,0245	99,9581	Сс + Са·Mg
E_2^3	-	0,0411	0,0381	99,9208	Са·Mg+ М·3
E_3^3	45,786	-	0,0392	54,1748	К·2+М·3
E_4^3	47,816	0,0143	-	52,1697	К·2+Сс
E_1^4	46,113	0,0173	0,0274	53,8423	Сс+ Са·Mg+ К·2
E_2^4	49,763	0,0146	0,0253	50,1971	К·2+Са·Mg+М·3

Дар асоси маълумотҳои ҷадвал мавқеи нуқтаҳои нонвариантии сатҳи се ва чоркомпонента муайян гардида диаграммаи ҳалшавандагии ин система (расми 4) сохта шуд.



Расми 4. – Диаграммаи ҳалшавандагии системаи карбонатҳои калий, магний ва калсий бо об дар ҳарорати 0 °C

Фазаҳосилшавӣ ва ҳалшавандагӣ дар ифодаҳои геометрии системаи бисёркомпонентаи K,Mg,Ca//SO_4,CO_3-H_2O барои ҳарорати 25 °C бо усули транслятсия


Таҳқиқоти гузаронидашуда бо истифода аз усули транслятсия нишон медиҳанд, ки дар сатҳи чоркомпонентагӣ системаи обию намакӣ нуқтаҳои нави нонвариантӣ пайдо мешаванд. Ҳамин тавр, чор нуқтаи нави нонвариантӣ E^4_{15} то E^4_{18} муайян гардиданд, ки дар мувозинат будани фазаҳои сахти зеринро тавсиф мекунанд: Гп+Сс+К·Са; Сн+Гп+К·Са; Сн+Ар+К·Са и К·Са+Ар+К·1,5.

Натиҷаҳои бадастомада оид ба нуқтаҳои нонвариантии сатҳи чоркомпонентагӣ, ки ба системаи панҷкомпонентаи иборат аз карбонатҳо ва сулфатҳои калий, магний ва калсий тааллуқ доранд, бо истифода аз усули транслятсия дар ҳарорати 25 °C ҷамъбаст гардида, дар ҷадвали 4 пешниҳод шудаанд. Дар асоси маълумоти бадастомада диаграммаи мувозинатҳои фазагии системаи мазкур дар шакли призмаи панҷрӯяи кушода сохта шуда, дар расми 5 оварда шудааст.

Ҷадвали 4. – Тавсифи нуқтаҳои нонвариантии системаи K,Mg,Ca // SO_4,CO_3–H_2O дар ҳарорати 25 °C, ки бо усули транслятсия муайян карда шудааст

Нуқтаҳои нонвариантӣ	Система	Фазаҳои сахти дар мувозинат буда
E^4_1	K,Mg,Ca//SO_4-H_2O	Эпс+Ше+Гп
E^4_2		Ар+Ше+Пг
E^4_3		Ар+Пг+Сн
E^4_4		Ше+Пг+Гп
E^4_5		Пг+Сн+Гп
E^4_6	K,Mg,Ca//CO_3-H_2O	Са·Mg+K·1,5+K·Ca
E^4_7		Mg·3+ Ca·Mg+K·1,5
E^4_8		Ca·Mg+ K·Ca+Cc

		Идомаи ҷадвали 4.
E_9^4	K,Mg//SO_4,CO_3-H_2O	Ше+ К·1,5+Mg·3
E_{10}^4		Ар+Ше+ К·1,5
E_{11}^4		Ше+Эпс+ Mg·3
E_{12}^4	Ca,Mg//SO_4, CO_3-H_2O	Эпс+Mg·3+Ca·Mg
E_{13}^4		Эпс+Гп+Ca·Mg
E_{14}^4		Гп+Ca·Mg+Cc
E_{15}^4	K,Ca//SO_4, CO_3-H_2O	Гп+Cc+К·Ca
E_{16}^4		Гп+ К·Ca+Сн
E_{17}^4		Сн+Ар+К·Ca
E_{18}^4		Ар+ К·1,5+К·Ca



Расми 5. – Сохтори геометрии изотермаи 25°C – и системаи K,Mg,Ca//SO_4,CO_3-H_2O дар сатҳи чоркомпонентагӣ

Ҳангоми интиқоли нуқтаҳои нонвариантии сатҳи чоркомпонента ба сатҳи панҷкомпонента чунин нуқтаҳои нонвариантии сатҳи панҷкомпонента ҳосил мешаванд:

$$E_8^4 + E_{14}^4 + E_{15}^4 \dashrightarrow E_1^5 = Ca \cdot Mg + K \cdot Ca + Cc + Гп;$$

$$E_1^4 + E_{13}^4 \dashrightarrow E_2^5 = Ше + Эпс + Гп + Ca \cdot Mg;$$

$$E_2^4 + E_{10}^4 \dashrightarrow E_3^5 = Ше + Ар + Пг + K \cdot 1{,}5;$$

$$E_3^4 + E_{17}^4 \dashrightarrow E_4^5 = Ар + Пг + Сн + K \cdot Ca;$$

$$E_5^4 + E_{16}^4 \dashrightarrow E_5^5 = Пг + Сн + Гп + K \cdot Ca;$$

$$E_6^4 + E_{18}^4 \dashrightarrow E_6^5 = K \cdot Ca + K \cdot 1{,}5 + Ca \cdot Mg + Ар;$$

$$E_7^4 + E_9^4 \dashrightarrow E_7^5 = Mg \cdot 3 + Ca \cdot Mg + K \cdot 1{,}5 + Ше;$$

$$E_{11}^{4} + E_{12}^{4} \text{----------} \rightarrow E_{8}^{5} = Ше + Эпс + Mg \cdot 3 + Ca \cdot Mg;$$

$$E_{4}^{4} + Ca \cdot Mg \text{ ------} \rightarrow E_{9}^{5} = Ше + Пг + Гп + Ca \cdot Mg;$$


$$E_{10}^{5} = Пг + К \cdot 1{,}5 + Ca \cdot Mg + Ар;$$

$$E_{11}^{5} = Пг + К \cdot 1{,}5 + Ca \cdot Mg + Ше;$$

$$E_{12}^{5} = Пг + К \cdot Ca + Ca \cdot Mg + Ар;$$

$$E_{13}^{5} = Гп + Ca \cdot Mg + Пг + К \cdot Ca;$$

“Дар асоси натиҷаҳои ба дастомада диаграммаи мувозинати фазавии системаи K, Mg, Ca // SO_4, CO_3 – H_2O дар ҳарорати 25°C, дар сатҳи панҷкомпонентагӣ сохта шуд (расми 6)” [16, с. 223 - 225]. Диаграммаҳои таҳияшуда қонуниятҳои асосии мувозинатҳои фазавӣ, ҷойгиршавии мутақобилаи онҳо ва хусусиятҳои фазаҳосилшавиро дар системаҳои таҳқиқшаванда инъикос менамоянд.



Расми 6. – Диаграммаи схемавии мувозинатҳои фазагии изотермаи 25°C- и системаи K,Mg,Ca//SO_4,CO_3-H_2O дар сатҳи панҷкомпонентагӣ

Мавҷудияти мувозинати маҳлулҳои сершуда бо ду фазаи сахт, ки байни нуқтаҳои нонвариантии сатҳи чоркомпонента ба амал меояд, тавассути хатҳои борики яклухт нишон дода шудааст. Хатҳои канда – канда самти раванди транслятсияро аз сатҳи чоркомпонента ва сатҳи панҷкомпонента инъикоя менамоянд.

Сарҳади байни ин майдонҳоро 35 хати моновариантӣ ташкил медиҳанд, ки мувозинати якҷояи ду фазаи сахтро инъикос мекунанд. Илова ба ин, дар диаграмма 13 нуқтаи нонвариантӣ муайян карда шудааст, ки дар ҳар яке аз онҳо се фазаи сахт дар ҳолати мувозинат қарор дорад

Системаи K,Mg,Ca//SO_4-H_2O

“Системаҳои секомпонентаи K_2SO_4 – $MgSO_4$ – H_2O, K_2SO_4 –

$CaSO_4$ – H_2O ва $MgSO_4$ – $CaSO_4$ – H_2O ба таркиби системаи обию намакии таҳқиқшавандаи K,Mg,Ca//SO_4-H_2O дохил мешаванд" [12, с. 112].

Дар зерсистемаҳои секомпонентаи ташкилкунандаи системаи чоркомпонентаи обӣ-намакӣ нуқтаҳои нонвариантӣ мавҷуданд, ки дар мувозинат будани фазаҳои сахти зерин мувофиқат мекунанд: Ше + Эпс; Ар + Ше; Ар + Сн; Сн + Гп ва Эпс + Гп. Ҳангоми баланд шудани ҳарорат аз 0 °С то 25 °С, дар натиҷаи боҳамтаъсиркунии компонентҳои система боиси пайдошавии фазаи сахти – полигалит ($K_2SO_4 \cdot MgSO_4 \cdot 2CaSO_4 \cdot 2H_2O$) мегардад. Пайдоиши ин фаза боиси мураккаб гардидани сохтори диаграмма ва афзоиши шумораи элементҳои геометрии он мегардад. Дар натиҷа, хусусиятҳои мувозинатҳои фазагии система дар ҳарорати мазкур тағйир меёбанд. Фазаи сахти нави полигалит дар ҳамин ҳарорат бо ҳамаи майдонҳо ҳамсарҳад мебошад. Ин ҳолат аз ҳалшавандагии пасти полигалит шаҳодат медиҳад, зеро майдони кристаллизатсияи он қисми зиёди диаграммаи мазкурро ишғол менамояд.

Сабаби пайдоиши нуқтаҳои нонвариантӣ дар сатҳи чоркомпонентагӣ раванди транслятсияи нуқтаҳои нонвариантӣ аз сатҳи секомпонентагӣ ба сатҳи чоркомпонентагӣ мебошад. Барои ҳар яке аз онҳо чунин фазаҳои сахти дар мувозинат будаи зерин мувофиқат мекунад: E_1^4 = Эп + Ше + Гп; E_2^4 = Ше + Ар +Пг; E_3^4 = Сн +Ар+Пг и E_4^4 =Сн +Гп+Пг.

Системаи K,Mg,Ca//CO_3-H_2O

Системаи чоркомпонентаи мазкур дар ҳарорати 25°С аз се зерсистемаи обӣ – намакӣ иборат аст: $CaCO_3$–$MgCO_3$–H_2O, ки дорои 2 нуқтаи нонвариантӣ аст, K_2CO_3–$CaCO_3$–H_2O, ки да он низ 2 нуқтаи нонвариантӣ мавҷуд аст ва K_2CO_3–$MgCO_3$–H_2O, ки дорои 1 нуқтаи нонвариантӣ мебошад. Дар ҳамаи ин зерсистемаҳо маҷмӯи фазаҳои сахти мувозинатии зерин мавҷуданд: К·1,5 + К·Са; Сс + К·Са; Сс+ Mg·Ca; Mg·Ca+M·3 ва К·1,5 + М·3. Сабаби пайдошавии нуқтаҳои нонвариантӣ дар системаи чоркомпонента раванди транслятсияи нуқтаҳои нонвариантии қаблан муайяншуда аз сатҳи зерсистемаҳои мувофиқ ба сатҳи чоркомпонента мебошад. Ба нуқтаҳои нонвариантии ҳосилшуда маҷмӯи зерини фазаҳои сахти мувозинатӣ мувофиқат мекунанд: E_6^4 = К·Са+К·1,5+Са·Mg; E_7^4 = Са·Mg+M·3+ К·1,5 ва E_8^4 = Сс+К·Са+Са·Mg.

Системаи K,Mg //SO_4,CO_3-H_2O

Ин системаи чоркомпонента системаҳои секомпонентаи зеринро дар бар мегирад: K,Mg//SO_4-H_2O; K//SO_4,CO_3-H_2O; Mg//SO_4,CO_3-H_2O ва K,Mg//CO_3-H_2O. Дар системаи секомпонентаи K,Mg//SO_4-H_2O ду нуқтаи нонвариантӣ бо фазаҳои сахти мувозинатии зерин хос аст: Ар + Ше; Ше + Эпс. Дар зерсистемаҳои секомпонентаи боқимонда, ки мувозинатҳои фазагии онҳо ба таври таҷрибавӣ омӯхта нашудаанд,

нуқтаҳои нонвариантӣ ба таври эфтоникӣ қабулшудаанд ва барои онҳо яктогӣ нуқтаи нонвариантӣ бо чунин фазаҳои сахти мувозинати хос аст: Ар + К·1,5; Эпс + М·3 ва К·1,5 + М·3. Транслятсияи нуқтаҳои нонвариантии секомпонента ба сатҳи чоркомпонента боиси ҳосилшавии нуқтаҳои нонвариантии чоркомпонентаи зерин бо фазаҳои сахти мувозинатӣ мегардад: E_9^4 = Ше+К·1,5+М·3; E_{10}^4 = Ар+Ше+К·1,5 ва E_{11}^4 = Ше+Эпс+М·3.

Системаи Ca,Mg // SO_4,CO_3–H_2O

Системаи мазкур дар таркиби худ системаҳои секомпонентаи зеринро дар бар мегирад: Ca,Mg // SO_4–H_2O; Ca,Mg // CO_3–H_2O; Ca // SO_4,CO_3–H_2O ва Mg // SO_4,CO_3–H_2O. Барои зерсистемаи Ca,Mg // CO_3–H_2O фазаҳои сахти мувозинатҳои зерин хос мебошанд: Са·Mg + Сс ва М·3 + Са·Mg. Барои се зерсистемаи боқимонда бошад, ба ҳар кадом як нуқтаи нонвариантӣ хос аст, ки бо фазаҳо сахти зерин тавсиф карда мешаванд: Эпс + Гп; Гп + Сс ва Эпс + М·3. Дар натиҷаи татбиқи усули транслятсия, нуқтаҳои нонвариантии зикршудаи системаҳои секомпонента ба сатҳи системаҳои чоркомпонента интиқол ёфта, нуқтаҳои нави нонвариантии зерин ба вуҷуд меоранд: E_{12}^4 = Эпс+ Са·Mg +М·3; E_{13}^4 = Гп+Эпс+ Са·Mg ва E_{14}^4 = Гп+Сс +Са·Mg.

Системаи K,Ca//SO_4,CO_3-H_2O

“Барои муайян намудани мувозинатҳои фазагии системаи K,Ca//SO_4,CO_3-H_2O дар ҳарорати 25°C аз маълумотҳои мувозинатии системаҳои секомпонентаи он K//SO_4,CO_3-H_2O; K,Ca//SO_4-H_2O; Ca//SO_4,CO_3-H_2O; K,Ca//CO_3-H_2O истифода бурда шуд” [15. с.165]. Барои дутои ин зерсистемаҳо ба ҳар кадоме яктогӣ нуқтаи нонвариантӣ хос буда барои дутои дигарашон ду нуқтаи нонвариантӣ хос аст. Фазаҳои сахти дар мувозинатбудаи онхо чунин аст: Ар+К·1,5; Ар+Сн; Сн+Гп; Гп+Сс; К·1,5+К·Са ва Сс+К·Са.

Ҳалшавандагӣ дар системаи K,Mg,Ca//SO_4-H_2O барои ҳарорати 25°C

Бинобар сабаби мавҷуд набудани маълумот оид ба ҳалшавандагии системаи мазкур дар ҳарорати 25°C, аз ҷониби мо таҳқиқи он бо истифода аз усули транслятсия гузаронида шудабори аввал диаграммаи схемавии фазагии он сохта шуд. Маълумоти таҷрибавӣ оид ба ҳалшавандагӣ дар нуқтаҳои нонвариантии системаи чоркомпонентаи обӣ-намакӣ дар асоси таҳқиқи таҷрибавии мувозинатҳои фазагии он дар ҳарорати 25°C оварда шуданд.

Дар ин системаи чоркомпонентаи обӣ-намакӣ дар ҳарорати 25°C фазаҳои сахти зерин кристаллизатсия мешаванд: Ар-арканит (K_2SO_4); Ше-шенит (K_2SO_4·$MgSO_4$·$6H_2O$); Сн-сингенит (K_2SO_4·$CaSO_4$·H_2O); Гп-гипс ($CaSO_4$·$2H_2O$) ва М·12 ($MgSO_4$·$12H_2O$).

Барои гузаронидани таҷриба аз намакҳои зерин истифода бурда шуд: $CaSO_4$·$2H_2O$ (аз ҷиҳати химиявӣ тоза); $MgSO_4$·$7H_2O$ (аз

чиҳати химияви тоза); K_2SO_4 (тоза).


Гузаронидани таҷрибаҳо мувофиқи нақшаи таҳқиқотӣ амалӣ карда шуд. Барои омехтани маҳлулҳо аз омехтакунаки магнитии тамғаи PD-9 истифода намудем. Кристаллизатсияи фазаҳои сахт тавассути микроскопи Микромед С 11 мушоҳида карда шуда, пас аз ба мувозинат омадан, фазаҳои сахт тавассути суратгираки «SAMSUNG A-55» аксбардорӣ карда шуд. Баробарӣ ва эквивалентии системаҳои тадқиқшаванда бо тағйирёбии таркиби фазаҳои кристаллизатсияшуда бар асоси мушоҳидаҳои микроскопӣ муайян намудем. Фазаҳои сахт ва моеъро аз ҳамдигар тавассути қифи Бюхнер, ки ба ҳавокаши вакуумӣ пайваста аст ҷудо намудем. Баъдан фазаи сахтро бо спирти этили 96% шуста, дар ҳарорати 120 °С хушк намудем.

Барои гузаронидани таҳлилҳои химиявии ин системаҳо усулҳои маъмул истифода гардид ва барои муайян кардани таркиби фазаҳо аз усулҳои кристаллооптикӣ истифода бурда шуд.

Натиҷаҳои ҷамъбастии таҳлилҳои химиявии ин система дар ҷадвали 5 оварда шудаанд. Дар инҷо барои системаҳои секомпонетагӣ аз маълумотҳои адабиёти истифода карда шудааст.

Ҷадвали 5. – Ҳалшавандагӣ дар нуқтаҳои нонвариантии системаи K,Mg,Ca// SO_4-H_2O барои ҳарорати 25°С

	Таркиби фазаи моеъ. бо %				Фазаҳои сахти мувозинатӣ
	K_2SO_4	$MgSO_4$	$CaSO_4$	H_2O	
e_1	11,67	-	-	88,33	Ар
e_2	-	26,70	-	73,30	Эпс
e_3	-	-	0,33	99,67	Гп
E_1^3	10,75	12,80	-	76,75	Ар+ Ше
E_2^3	4,95	26,05	-	69,00	Ше+ Эпс
E_3^3	7,55	-	0,04	92,41	Ар+Сн
E_4^3	3,17	-	0,16	96,67	Сн+Гп
E_5^3	-	19,85	0,12	80,03	Гп+Эпс
E_1^4	11,90	11,2	0,03	76,87	Ар+Сн+Ше
E_2^4	3,60	27,00	0,06	69,34	Ше+Эпс+Пг
E_3^4	3,40	26,20	0,02	70,38	Сн+Гп+Пг
E_4^4	2,50	26,50	0,08	70,92	Эпс+Пг+Гп
E_5^4	2,40	26,80	0,03	70,77	Сн+Пг+Ше



Расми 7. – Қисми намакии диаграммаи ҳалшавандагии системаи


K,Mg,Ca//SO_4-H_2O дар ҳарорати 25°C

Таҳлили расми 7 нишон медиҳад, ки минтақаи кристаллшавии гипс аз рӯи андоза назар ба минтақаҳои дахлдори дигар намакҳои система (K_2SO_4 ва $MgSO_4 \cdot 12H_2O$) хеле калонтар аст. Ин далел ҳалшавии нисбатан пасти гипсро тасдиқ мекунад, ки ҳатто бо баланд шудани ҳарорат то 25 °C қариб тағйир намеёбад.


Таҳқиқи ҳалшавандагии системаи K,Mg,Ca//CO_3-H_2O барои ҳарорати 25 °C

Барои ин система дар ҳарорати 25°C фазаҳои сахти мувозинати инҳоянд: $CaCO_3$ - калсит (Cc); $K_2CO_3 \cdot 1,5$-(K·1,5); $CaCO_3 \cdot MgCO_3$ - доломит (Ca·Mg) $MgCO_3 \cdot 3H_2O$-магнезит (Mg·3); $K_2CO_3 \cdot CaCO_3$-(K·Ca). Натиҷаҳои таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таркиби маҳлулҳои сершуда вобаста ба маҷмӯи фазаҳои сахти мувозинатӣ хусусиятҳои фарқкунанда доранд. Махсусан ҳалшавандагии $CaCO_3$ дар фазаи моеъ хеле кам буда 0,004% - ро ташкил медиҳад. Барои $MgCO_3$ ҳалшавандагии 0,022% муайян гардидааст. Дар муқоиса бо онҳо ҳалшавандагии $K_2CO_3 \cdot$хеле зиёд буда 52,740 % - ро ташкил медиҳад. Барои санҷиши таркиби кристаллии таҳшинҳо таҳлили рентгенофазавӣ гузаронида шуд. Дифратограммаҳои бадастомада (расми 8) барои мушаххас намудани фазаҳои сахти мувозинатӣ истифода гардиданд.


Дар асоси маълумотҳои таҷрибавӣ, бори аввал диаграммаи ҳалшавандагӣ ва диаграммаҳои устувории марҳилаҳои намакӣ барои системаи чоркомпонентии K,Mg,Ca // CO_3–H_2O дар ҳарорати 25 °C сохта шуданд.



Нуқтаи E_1^4 (Cc+ Ca·Mg+ K·Ca)



Нуқтаи E_2^4 (Ca·Mg+ K·1,5+ Mg·3)



Нуқтаи E_3^4 (Ca·Mg+ K·1,5+ K·Ca)


Расми 8. – Дифратограммаи фазаҳои сахти мувозинатии системаи K,Mg,Ca // CO_3–H_2O дар ҳарорати 25 °C

